## ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-044 дар назди «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» оид ба диссертатсияи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 6D 011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) пешниҳод гардидааст.

Мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», ки аз тарафи Азимова Шабнам Раҳматуллоевна интихоб шудааст, ба таҳкики муҳимтарин самтҳои педагогӣ, яъне ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия бахшида шуда, дорои аҳамияти илмӣ ва методӣ мебошад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 накши маорифро ҳамчун манбаи асосии рушди иҷтимоию иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони он муайян намуда, вазъи ҷории соҳаи маорифро нишон дода, рушди ин соҳа ва баланд бардоштани сифати донишро дар ҳама зинаҳои таҳсилот тавсия кардааст.

Аз ин рӯ, тарбияи шахсият пеш аз ҳама аз рушди системаи талаботҳо ва ваҷҳҳои он иборат аст. Ваҷҳ ин таҳрик ба фаъолияти марбут бо конеъгардонии талаботи муайян мебошад. Мақсад бошад, фаъолияти мушаххасро таҳрезӣ намуда, хусусият ва динамикаи онро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, ваҷҳ ба талабот мансуб аст, кӣ ба фаъолият таҳрик медиҳад, мақсад бошад – ба ашёе, кӣ фаъолият нигаронида шуда, он дар ҷараёни иҷрои фаъолият бо маҳсул табдил дода шавад.

Ба андешаи муаллиф дар замони муосир инсон, дар муҳите умр ба сар мебарад, ки онро асосан маводҳои химиявии синтетикӣ иҳота намудаанд, ба назар мерасад, ки ба зарурати донишҳои химиявӣ ҳеҷ кас шубҳае надорад. Вале чӣ хеле, ки таҷрибаҳо собит месозанд қисмати зиёди хонандагон муҳимияти донишҳои химиявиро дарк карда наметавонанд. Аз ин ҷост, ки

солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, ки фанни химия низ ба ин гурӯҳ шомил аст, диққати махсус дода мешавад. Ва солҳои 2020-2040 бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ дар соҳаи маориф эълон карда шудааст.

Маълум аст, ки химия ҳамчун илм хосиятҳои ба худ хосро доро буда, дар ташаккул ва рушди тасаввури аслии оламе, ки моро иҳота менамояд барои хонандагон нақши муҳимро мебозад. Дар робита ба ин, дар назди илми методикаи таълими химия масъалае истодааст, ки на танҳо ба хонандагон системаи донишҳои амиқ ва мустаҳками химиявӣ, инчунин қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии ҳар яки онҳоро ба дараҷаи баландтар рушд медиҳад.

Дар шароити кунунӣ масъалаи амалигардонии инкишофи ҳаматарафаи шахсияти хонандагон, рушди қобилияти дар амалия истифода карда тавонистани донишҳои аз худ намуда то рафт мубрамият пайдо менамояд.

Бинобар ин, таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла таълими химия бояд тарбияи шахсияти фаъол ва созандаро ба роҳ монда, дар шуури хонандагон эҳсосоти худогоҳии миллӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, ноил шудан ба дастовардҳои илми химия мусоидат мекунад.

Илми педагогика ва методикаи таълими химия ба таври доимӣ дар кӯшиши дарёфти методхо ва усулҳои таълими фан барои баланд бардоштани сифати дониши химиявии хонандагон, рушди маҳорату малакаҳои иҷрои корҳои амалӣ ва истифодаи онҳо дар ҳаёт мебошанд. Таҷрибаҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки агар омӯзгорон дар баробари дар дарсхо, машғулиятҳо истифода бурдани усулҳои фаъоли таълим, инчунин майлу рағбати идроки хонандагонро ҷоннок накунанд, дар онҳо ваҷҳҳои омӯзиш, ҳавасмандиро ташаккул надиҳанд, ба натиҷаҳои зарурӣ соҳиб шудан хеле мушкил аст.

Аз нуктаи назари Азимова Шабнам Раҳматуллоевна ҳавасмандӣ ин ҳиссиёти баланди зеҳнӣ, муносибати системавӣ ба таҳсил, хурсандӣ, ҳайрат, талаботи ботинӣ ба донишҳои химиявӣ ва замонавӣ, майлу рағбат, талаботи

мустақилона аз худ намудани донишҳо, маҳоратҳо, ташаббускорӣ ва мустақилияти маърифатӣ ва ғайраро дарбар мегирад.

Ваҷҳҳо равандҳои маърифатӣ буда. аз қабули ахборот сар карда, то мавҷудияти равандҳои мураккаб, пайдо шудани эҳсосотҳои гуногун ба охир мерасанд. Вақти он расидааст, ки ҳеҷ набошад таълимро ба эҷодиёт наздик намоем. Ин ҳолат ба эҳсосоти хонандагон мусбат таъсир карда, диққат ва хотираи онро тез менамояд, дар онҳо ҳиссиёти хурсандӣ ва қаноатмандӣ пайдо мешавад, ки ин ба баланд шудани ҳавасмандии онҳо ба таълим, аз он ҷумла ба фанни химия сабаб мешавад.

Ҷорӣ намудани таълими равиявӣ (соҳавӣ) дар зинаи болоии мактаб боз ҳам масъалаи ташаккули ваҷҳҳоро дар хонандагон пеш мегузорад. Муассисаи таълимӣ имрӯза бояд ба фардияти хонанда рӯ оварда, барои рушди ҳавасмандӣ, майлу рағбат ва қобилияташ дар ҳозира ва оянда беҳтарин шароитҳоро фароҳам оварад.

Кор карда баромадани сохтори фаъолияти таълимии хонандагон, ки ҳавасмандии онҳоро ба дараҷаи баландтарин мукаммал менамояд, ба хонандагон додани таҷрибаи фаъолияти навъҳои гуногун-робитавӣ, донишандӯзӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва ғайраҳо бо назардошти он ки дар ин ҳолат таъсиррасонӣ ба ҳама доираҳои шахсият-иродавӣ, иҷтимоӣ-рӯҳӣ, фаъолияти амалӣ ба вуҷуд меояд.

Аз ин ҷо, яке аз воситаҳои баланд бардоштани самаранокии таълими химия ин ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни химия мебошад.

Ҳадафи асосии тадқиқот муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва баланд бардоштани самарабахшии таълими химия дар раванди истифодаи методикае, ки ба ташаккули ваҷҳҳо ва такмили ҳавасмандсозии хонандагон мусоидат менамояд иборат аст.

Азимова Шабнам Раҳматуллоевна зимни мавриди таҳлил қарор додани сарчашмаҳои илмӣ, адабиёт ва рисолаҳои дифоъшуда ба хулоса омадааст, ки бо вуҷуди он, дар таҳқиқҳои ба анҷомрасида масъалаи

ташаккули ваҷҳо ва тарбияи ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия ҳанӯз ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар ин бора ҳолати ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия аз ҷониби хонандагон гувоҳӣ медиҳад. Ҳоло дар бисёр маврид омӯзгорони химия бо ҳикояҳои лаҳзавӣ, дар бораи корхонаҳои шаҳр, нақши баъзе маводҳои химиявӣ дар ҳаёти инсон ҳарф мезананд, яъне ҳавасмандсозӣ ба таври нomуташаккилона ҷараён мегирад. Асосан омӯзгорон ба нигоҳ доштани ҳавасмандсозии беруна дар намуди назорат тамоил доранд.

Аз ин лиҳоз ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар мамлакати мо то ҳол тадқиқоти алоҳидае оид ба муаммои мавриди назар гузаронида нашудааст. Аз ин лиҳоз ба хулосае омадан мумкин аст, мавзӯи таҳқиқгардида яке аз масъалаҳои зарурӣ дар илми педагогика ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ баҳри ҳалли муаммои мавҷуда оид ба ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни химия бозёфтҳои нави илмиро соҳиб мешавад, ки барои ғанӣ гардонидани назария ва амалияи илми педагогика мусоидат менамояд.

Дар диссертатсия он нуқтаҳои илмие, ки пешниҳод шудааст дар замони муосир навгонии илмӣ маҳсуб ёфта, чунин инъикос ёфтааст: ваҷҳҳои самарабахши омӯзиши химия муайян ва шароитҳои ташаккули онҳо дар раванди таълими химия асоснок карда шуд; имкониятҳои таълими химия дар татбиқи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ тибқи нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони муассисаҳои миёни умумӣ, зарурати онҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуд; имкониятҳои мазмуни маводи химиявӣ дар заминаи мазмуни эҳсосотии дарс муайян карда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти муаллиф Азимова Шабнам аз инҳо иборат аст: вазъи омӯзиши масъалаи ваҷҳ ва ҳавасмандӣ дар психология ва методикаи таълими химия муайян карда шуд; меъёрҳои ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш дар таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муайян карда шуданд; принсипи омӯзиши мавод - муносибати бисёрзаминавӣ пешниҳод карда шуд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот чунин аст: методикаи ташаккул ва ташхиси ваҷҳо ва ҳавасмандии хонандагон доир ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таҳия карда шуд; усулҳои пешниҳод кардашударо дар мушаххаскунии таълими равиявӣ (дарс, лексияҳои проблемавӣ, сӯҳбатҳои эвристикӣ, дарсҳои омехта, таҷрибаҳо) вазифаҳои гуманитарии консепсияи таълими мактабӣ корҳои беруназсинфӣ ва ғайра бомуваффақият истифода кардан мумкин аст; тавсияҳои методиро оиди ташаккул ва истифодаи ваҷҳо барои боз ҳам баланд бардоштани самаранокии омӯзишро омӯзгорон метавонанд дар ҳама зинаҳои таълими химия ва дигар фанҳо истифода намоянд.

Барои соҳиб шудан ба ҳадафи ниҳоии тадқиқот Азимова Шабнам Раҳматуллоевна марҳилаҳои зарурии тадқиқотро омӯхтааст, ки дар мантиқ ва мундариҷаи сохтори диссертатсия инъикос гардидааст.

Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар дар 9 мақолаи илмӣ, ки ба маҷаллаҳои илмии дар рӯйхати КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, КОА- и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тасдиқ гардида, ба чоп расонида шудааст.

Ҷиҳати хуби тадқиқоти мавзӯъ дар он мебошад, ки аз тарафи Азимова Шабнам озмоишҳо оид ба ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ Литсейи «Ориёно» - и шаҳри Бохтар, гимназияи ДДБ ба номи Н. Хусрав ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ш. Бохтар муќаррар карда шудааст.

Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо инчунин баъзе камбудиҳо дида мешаванд:

1. Муаллиф зимни таҳияи рисола ба хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ роҳ додааст;
2. Муаллиф зимни таҳияи рисола дар навишти формула ва муодилаҳои химиявӣ ба навишти нодурусти индекс ва элементҳои химиявӣ роҳ додааст;

3. Дар рисола сарчашмаҳои илмии олимони тоҷик аз рӯи муаммои таҳқиқшаванда дар ҳаҷми маҳдуд нишон дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои зикршуда, ба мундариҷа ва сатҳи баланди илмии рисола таъсири манфӣ намерасонад ва ислоҳҳои он бар фойдаи кор аст.

Диссертатсия бо талаботи банди 44-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тасдиқ расидааст, комилан мувофиқ мебошад. Он фарогирии масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз тарафи Азимова Шабнам тадқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳ ва савияи зарурӣ таълиф гардида, мустақилияи муаллиф эҳсос карда мешавад. Натиҷаи ниҳоӣ ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешкашгардида саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Аз тарафи Азимова Шабнам автореферат дар мутобиқат ба мундариҷаи таҳқикот таҳия шуда, мӯҳтавои асосии рисоларо дарбар мегирад ва ба он натиҷахилмӣ, ки муаллиф соҳиб шудааст, мутобиқ ба ихтисоси 6D 011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) мебошанд.

Боиси зикр аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсинии Азимова Шабнам Раҳматуллоевна ҳолати бидуни иқтибос истифода шудани мавод мушоҳида карда намешавад. Дар диссертатсия ҳамаи иқтибос, сарчашмаҳо ва адабиётҳои истифодашуда нишон дода шудааст. Азимова Шабнам дар тартиб додани дастгоҳи илмии рисолаи диссертатсионӣ талаботи банди 16-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)-ро риоя намудааст.

Банди 55-и Низомномаи Намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ба назари эътибор гирифта, комиссияи ташхисӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Азимова Шабнам Рахматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 6D 011200- химия (назария ва методикаи таълими химия) ба Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-044 дар назди «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» барои ҳимоя қабул карда шавад;

2. Ба ҳайси мукарризи расмӣ аз рӯи диссертатсия мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

1) Раҷабов Умаралӣ - доктори илмҳои химия аз рӯи ихтисоси 02.00.04. (Химияи физикӣ), профессор, мудири кафедраи химияи формасевтӣ ва захршиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”

2) Алимов Сироҷиддин- номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.01. (педагогика), дотсент, мудири кафедраи химияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар кафедраи методикаи таълими химияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомони Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

Узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи биохимияи Муассисаи
давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии
тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Ҷумъаев Б.

**Аъзоёни комиссия:**

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи биологияи умумӣ
ва методикаи таълими биологияи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Баротзода К.А.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи методикаи таълими химияи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Алимов С.